# Шарҳи моҳонаи таваррум • Июни 2020

**Сатҳи таваррум[1] пас аз афзоишёбии нисбии моҳҳои қаблӣ (март 1,6 фоиз ва апрел 2,2 фоиз) дар моҳи июни соли 2020 раванди коҳишёбӣ дошта, бо нишондиҳандаи манфии -1,1 фоиз ҷамъбаст гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин моҳи соли гузашта 1,5 банди фоизӣ (б.ф.) кам мебошад.**

Дар моҳи баррасишаванда ба сатҳи таваррум асосан коҳишёбии нархи маҳсулоти хӯроквории -2,8 фоиз (саҳм дар таваррум -1,5 б.ф.) таъсир расонид. Дар баробари ин, афзоишёбии нархи молҳои ғайрихӯроквории 1,1 фоиз (0,3 б.ф.) ва арзиши хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ 1,6 фоиз (0,1 б.ф.)-ро ташкил намуданд.

Дар сохтори маҳсулоти хӯроквории бештар арзоншавии нархи маҳсулотҳои серистеъмоли аҳолӣ, аз қабили орди навъи якум 4,2 фоиз, шакар 3,4 фоиз, тухм 17,3 фоиз, картошка 12,8 фоиз, пиёз 28,5 фоиз, помидор 19,9 фоиз, себ 31,8 фоиз ва тарбуз 21,4 фоиз ба қайд гирифта шуданд.

Раванди мазкур асосан дар натиҷаи афзоиши пешниҳоди баъзе аз гурӯҳи маҳсулоти хӯроквории дар натиҷаи ҷамъоварии ҳосили фаровони мавсими баҳорӣ ва тобистона, ки ба мувозинати сатҳи талаботу таклифот замина гузошт, ба амал омад.

Тибқи маълумоти омори кишоварзӣ дар нимсолаи якуми соли равон дар ҷумҳурӣ беш аз 527,5 ҳазор тонна гандум ва 902,6 ҳазор тонна сабзавот истеҳсол шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта мутаносибан 6,1 фоиз ва 15,0 зиёд мебошанд.

Дар баробари ин, нархи баъзе аз маҳсулотҳои хӯроквории, аз қабили биринҷ 0,4 фоиз, гӯшти гов 0,8 фоиз, равғани растанӣ 2,8 фоиз, сабзӣ 11,8 фоиз ва ғайра раванди афзоишёбӣ доштанд.

Дар сохтори молҳои ғайрихӯроквории дар моҳи июни соли ҷорӣ бештар қиматшавии нархи маводи доруворӣ ба андозаи 3,5 фоиз (бинобар сабаби афзоиш ёфтани талабот ба он дар натиҷаи паҳншавии беморории сирояти коронавирус) ва гази моеъ 13,8 фоиз (зиёд шудани талабот ба ин намуди сӯзишворӣ дар натиҷаи тадриҷан баркарор ва фаъол гардидани иқтисодиёт пас аз ба итмом расидани рӯзҳои санитарӣ ва/ё муваққатан маҳдуд будани фаъолияти муассисаҳои хизматрасонӣ, бозорҳо ва ғайра) ба қайд гирифта шуданд.

**Таваррумии моҳона ва солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Тағйирёбии намояи нархи картошка ва пиёз, бо % солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории онҳо дар таваррум, бо % солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)



Нарху тарифаҳои хизматрасонии пулӣ ба аҳолӣ низ дар моҳи июни соли ҷорӣ тамоюли афзоишёбӣ дошта, ба 1,6 фоиз баробар гардид, ки раванди мазкур асосан дар натиҷаи қиматшавии нархи хизматрасонии сӯзишворӣ (бахусус гази моеъ 14,0 фоиз) ба амал омад.

**Ҳамин тариқ, таварруми солона (дар 12 моҳи охир) дар моҳи июни соли ҷорӣ тамоюли коҳишёбӣ дошта, ба 8,4 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба моҳи қаблӣ 1,7 б.ф. ва ҳамин давраи соли гузашта 0,4 б.ф. кам мебошад.**

Тибқи таҳлилҳо омилҳои асосии ба ин раванд таъсиррасон ва аз доираи дурнамои муқарраршуда баромадани сатҳи таваррум, пеш аз ҳама торафт васеъ паҳн шудани пандемияи коронавирус (COVID-19) дар ҷаҳон ба ин васила кам гардидани пешниҳоди баъзе аз маҳсулоти асосии хӯроквори аз ҷониби кишварҳои содиркунанда ва маҳдуд шудани ҳамлу нақл дар сарҳадҳои бархе аз давлатҳои шарикони савдо ба ҳисоб меравад.

Сатҳи таваррумии аслӣ, ки дар худ омилҳои монетариро инъикос менамояд, дар моҳи июни соли ҷорӣ 0,2 фоизро ташкил намуда, бо арзёбии солона бошад, ба 2,9 фоиз баробар гардид, ки аз маҳдуд будани омилҳои монетарӣ ба сатҳи таваррум шаҳодат медиҳад.

**Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади пешгирӣ ва бартараф намудани фишорҳои иловагӣ ба сатҳи таваррум бо истифодаи босамари воситаҳои монетарӣ татбиқи сиёсати мутавозуни пулию қарзиро идома хоҳад дод.**

**Тағйирёбии намояи нархи орди навъи якум, бо % солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Таваррумии аслӣ, бо %, солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




[1] - тибқи маълумоти Агентии омор

**Намояи нархҳои истеъмолӣ***

| | Вазн,% | тағйирёбии солона,% | | | | | | | | | | | | | | | Июн, тағйирёбии моҳона,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | | | | | 2020 | | | | | | |
| | | | | | | Январ | Март | Июн | Сентябр | Декабр | Январ | Феврал | Март | Апрел | Май | Июн | |
| **Таваррум** | **100,0** | **5,1** | **6,1** | **6,7** | **5,4** | **5,7** | **7,8** | **8,7** | **8,1** | **8,0** | **8,0** | **7,8** | **9,3** | **10,6** | **10,0** | **8,4** | **-1,1** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **50,4** | **3,8** | **6,4** | **7,7** | **4,9** | **6,3** | **10,2** | **13,5** | **11,9** | **11,4** | **11,2** | **10,4** | **13,5** | **17,3** | **16,5** | **12,4** | **-3,2** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 15,3 | 9,1 | -2,5 | -0,8 | 8,9 | 13,2 | 19,7 | 18,8 | 16,1 | 16,5 | 13,3 | 10,2 | 13,5 | 23,1 | 29,4 | 25,3 | -2,3 |
| Биринҷ | 2,6 | 11,6 | -9,2 | -6,9 | 19,5 | 20,7 | 22,1 | 24,8 | 15,3 | 7,6 | 7,1 | 4,7 | 4,0 | 3,1 | 1,2 | -0,5 | 0,4 |
| Орд | 9,0 | 7,8 | -3,0 | 0,3 | 9,9 | 16,0 | 25,3 | 22,1 | 19,7 | 21,0 | 16,0 | 12,3 | 17,3 | 33,7 | 43,8 | 36,7 | -4,2 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 8,4 | -10,2 | 3,7 | 13,8 | 8,6 | 9,4 | 10,4 | 18,0 | 22,9 | 21,8 | 22,0 | 21,1 | 20,6 | 18,4 | 16,2 | 12,3 | 0,6 |
| Гӯшти гов | 5,3 | -14,3 | 3,2 | 14,7 | 8,9 | 9,7 | 11,4 | 21,8 | 27,2 | 25,9 | 27,0 | 25,8 | 25,2 | 22,3 | 18,9 | 14,0 | 0,8 |
| Тухм | 1,4 | 5,5 | 12,0 | 1,0 | 3,9 | 1,8 | 6,6 | 6,0 | 3,1 | 6,3 | 7,2 | -1,1 | -5,1 | 14,7 | 14,8 | -0,1 | -17,3 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1,7 | 7,3 | 0,4 | 4,4 | 4,1 | 2,6 | 3,1 | 4,8 | 4,3 | 6,4 | 6,3 | 5,5 | 6,7 | 5,3 | 8,8 | 8,1 | 1,3 |
| Шир | 0,5 | 16,1 | -7,2 | 6,3 | 1,3 | -2,1 | 0,0 | 2,7 | 6,7 | 7,3 | 5,8 | 5,6 | 11,0 | 5,8 | 14,0 | 13,0 | 1,3 |
| Равғани рустанӣ ва ҳайвонот | 5,1 | 12,7 | 11,3 | 1,3 | 9,2 | 9,1 | 10,4 | 5,2 | 0,6 | -1,7 | -0,8 | -1,1 | 0,5 | 4,6 | 5,5 | 6,4 | 0,6 |
| Меваҷот | 3,8 | 12,3 | 16,7 | -1,8 | 4,0 | 2,3 | -4,0 | -15,5 | -5,4 | -2,2 | 0,7 | 9,0 | 12,1 | 18,5 | 24,1 | 18,6 | -11,7 |
| Сабзавот | 7,6 | -12,4 | 16,5 | 40,2 | -10,7 | -9,7 | 3,7 | 33,1 | 15,0 | 15,4 | 19,9 | 19,5 | 29,9 | 28,1 | 10,8 | 3,0 | -7,3 |
| Шакар | 2,2 | 19,3 | 15,0 | -6,7 | 2,7 | 4,4 | 5,7 | -0,6 | 3,4 | -5,1 | -7,1 | -5,8 | -0,2 | 3,6 | 3,7 | -2,0 | -3,4 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,3 | 13,7 | 19,9 | 1,6 | 2,8 | 2,5 | 5,1 | 6,2 | 6,7 | 8,1 | 0,9 | 0,4 | -0,8 | -5,3 | -3,0 | -0,2 | 3,0 |
| **Хӯроки умумӣ**** | **1,0** | **14,9** | **19,9** | **2,7** | **8,0** | **8,0** | **6,7** | **8,1** | **7,3** | **3,0** | **3,0** | **3,0** | **3,0** | **1,7** | **1,7** | **2,9** | **1,2** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **2,5** | **15,9** | **11,8** | **6,2** | **5,4** | **6,5** | **3,8** | **3,5** | **0,9** | **1,0** | **-0,1** | **0,9** | **1,9** | **0,4** | **0,2** | **3,2** | **3,0** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **30,6** | **7,9** | **5,7** | **4,4** | **6,4** | **6,3** | **6,3** | **4,7** | **4,1** | **4,2** | **4,5** | **5,1** | **5,0** | **4,0** | **3,4** | **3,9** | **1,1** |
| Либос ва пойафзол | 10,4 | 9,2 | 14,5 | 9,2 | 5,6 | 14,4 | 14,7 | 13,5 | 14,4 | 13,4 | 4,5 | 4,5 | 4,2 | 3,8 | 3,5 | 3,8 | 0,5 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 4,5 | 2,2 | -0,9 | 2,4 | 7,3 | 7,8 | 6,0 | 5,2 | 4,9 | 4,9 | 4,4 | 4,6 | 5,5 | 5,7 | 6,7 | 6,5 | 0,5 |
| Маводи шустушӯй | 1,7 | 15,5 | 1,2 | 4,0 | 6,2 | 6,2 | 7,0 | 9,0 | 6,3 | 3,3 | 3,7 | 2,7 | 2,9 | 2,7 | 3,9 | 5,0 | 1,3 |
| Доруворӣ | 2,9 | 24,7 | 14,1 | 1,0 | 10,4 | 10,7 | 6,4 | 18,1 | 10,8 | 13,0 | 13,6 | 16,6 | 16,5 | 15,6 | 10,1 | 11,9 | 3,5 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,1 | -7,0 | 2,9 | 27,7 | 12,2 | 7,2 | 5,4 | -10,6 | -9,1 | -5,7 | -0,1 | 6,4 | 4,2 | -7,0 | -18,4 | -16,5 | 3,6 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,2 | 19,0 | 3,0 | 0,9 | -8,4 | -8,4 | -5,0 | -12,7 | -18,0 | -9,9 | -9,2 | -3,5 | -2,1 | -3,4 | -3,8 | -2,7 | 0,9 |
| Васоити нақлиёт | 1,1 | -2,0 | 0,0 | 0,0 | 5,2 | 5,2 | 8,1 | 0,4 | 1,5 | 0,8 | 2,1 | -1,0 | -0,7 | 0,4 | 2,4 | 2,7 | 0,1 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,6 | 7,6 | 7,1 | 8,6 | 8,3 | 8,7 | 8,5 | 4,9 | 4,1 | 3,8 | 3,5 | 3,0 | 2,9 | 3,3 | 5,7 | 8,4 | 2,7 |
| **Хизматрасониҳо** | **15,4** | **2,2** | **4,5** | **7,7** | **4,9** | **2,1** | **3,4** | **1,3** | **3,7** | **5,5** | **5,5** | **5,1** | **4,7** | **3,8** | **3,5** | **5,0** | **1,6** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 5,4 | 3,2 | 9,8 | 17,5 | 10,8 | 9,8 | 12,3 | 3,2 | 15,7 | 9,1 | 10,6 | 12,8 | 11,0 | 8,6 | 5,6 | 7,5 | 2,1 |
| Иҷорапулии манзил | 0,2 | 14,3 | 0,0 | 0,0 | 5,0 | 5,0 | 6,5 | 3,3 | 2,9 | 2,8 | 3,1 | 4,2 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 0,0 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 0,7 | 20,1 | 5,1 | 9,1 | 9,4 | 8,4 | 8,7 | 8,2 | 8,2 | 4,3 | 1,4 | 1,4 | 1,1 | 1,1 | 0,6 | 0,6 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 3,0 | 0,0 | 16,3 | 14,7 | 14,9 | 14,6 | 14,6 | 14,4 | 32,9 | 16,2 | 16,2 | 16,2 | 16,2 | 16,2 | 16,2 | 16,2 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,0 | 14,6 | 0,0 | 0,0 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,0 |
| Газ | 1,1 | -6,3 | 3,4 | 40,1 | 6,2 | 2,8 | 14,1 | -23,3 | -15,8 | -5,9 | 2,3 | 14,2 | 5,9 | -5,6 | -20,0 | -9,3 | 13,4 |
| Нақлиёт | 4,1 | -2,3 | -1,4 | 2,8 | 2,9 | -4,8 | -2,4 | -0,2 | -8,8 | 3,7 | 2,4 | -1,5 | -1,4 | -1,7 | 0,8 | 0,9 | 0,0 |
| Алоқа | 1,6 | 0,8 | 0,0 | 1,3 | 0,1 | 0,1 | 0,0 | 0,1 | 0,2 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 8,5 | 8,4 |
| Маориф | 1,7 | 2,6 | 11,3 | 5,3 | 0,3 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 2,0 | 1,5 | 1,7 | 1,7 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 0,0 |
| Тандурустӣ | 0,9 | 14,0 | 1,9 | 1,7 | 1,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 15,4 | 15,6 | 15,6 | 15,6 | 15,6 | 16,0 | 16,0 | 16,0 | 0,0 |
| Маишӣ | 1,6 | 12,3 | 5,2 | 1,1 | 3,3 | 3,3 | 3,2 | 3,2 | 5,3 | 3,8 | 3,9 | 4,1 | 4,4 | 4,3 | 3,7 | 3,1 | 0,0 |

*** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо*

*Дар ҷадвали мазкур номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои истифодаи онҳо ба таври умум ё серистеъмоли аҳолӣ нишон дода шудааст. Аз ин лиҳоз, маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо